# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-046-и назди МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” оид ба диссертатсияи Зиёвиддинзода Зулолиддин Зиёвиддин дар мавзӯи “Асосҳои педагогии таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли фанҳои риёзӣ -табиӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08. – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ)

Комиссияи ташхиси назди Шурои диссертатсионии 6D.KOA – 046-и назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дар ҳайати зерин: **Ш.А.Шаропов** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор (раис); аъзоён **М.Ҷ.Хоҷаева** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор ва **С.Олов** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, дар натиҷаи санҷиши кори диссертатсионии Зиёвиддинзода Зулолиддин Зиёвиддин дар мавзӯи “Асосҳои педагогии таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли фанҳои риёзӣ -табиӣ)”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08. – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ) ба чунин хулоса омад:

1. Таҳсилоти фосилавӣ яке аз шаклҳои низоми таҳсилоти муттасил буда, ҳуқуқи инсонро ба таҳсил ва гирифтани ахбор дар давоми тамоми ҳаёт татбиқ менамояд. Мубрамияти махсусро ноил будани таҳсилоти фосилавӣ бо як қатор омилҳо ошкор месозад: аввалан парокандагии ҳудуд, мушкилоти рафту омад, инкишофи иқтисоди бозоргонӣ ва гарон гардидани роҳкиро, шароити кӯчидани аҳолӣ, муттамарказ гардонидани марказҳои илмӣ-техникӣ дар шаҳрҳои калон, ташаккул ёфтани талаботи нави аҳолии Тоҷикистон ба таҳсилот ва маълумоти олӣ.Ҳалли ин масъала ба самаранокии фаъолияти макотиби олӣ, ба истифодаи равандҳои машғулиятҳои таълимӣ ва тарбиявии ба

тарбияи маънавии донишҷӯён нигаронидашуда, ба вижа, ба ташаккул додани сифатҳои баланди маънавии омӯзгорони оянда бо назардошти вазъи кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд аст.

Дар шароити муосир омили баланд бардоштани рақобатпазирии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар бозори таҳсилоти фосилавӣ муҳиммияти хосса пайдо намудааст, ки мақсади он навсозии дастурҳои методӣ ва паст гардонидани хароҷоти таълим мебошад. Таҳсилоти фосилавӣ на танҳо шакли куҳнаи таълимро иваз менамояд, балки намунаи наве мебошад, ки навсозии бетанафусро таъмин намуда, дар фард тез ба даст овардани ахбор, коркад намудан ва дар амал татбиқ сохтани онро ёд медиҳад.

Аз ин лиҳоз, рушди таҳсилоти фосилавӣ дар фаъолияти таълимӣ - тарбиявии макотиби олӣ мавқеи аввалиндараҷа касб мекунад.

1. Омузиш ва таҳлили диссертатсияи Зиёвиддинзода З.З. маълум намуд, ки дар ҳалли ин масъалаҳои муҳими педагогӣ муаллиф маҷмӯи муносибатҳо ва диди назариявӣ-методологӣ, ба монанди системанокӣ-шахсиятӣ, фаъолнокӣ ва салоҳиятнокиро истифода бурда, дар муайян кардани манбаъҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот муяссар гардидааст.

2. Муаллифи рисола дар натиҷаи омӯзиши асосҳои илмӣ-назариявии мавзуи таҳқиқшаванда ва ташкили самараноки корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ имконият пайдо намудааст, ки мавқеъ ва нақши таҳсилоти фосилавии муассисаҳои таҳсилоти касбии олиро дар ташаккул ва рушди фаъолияти касбии донишҷӯён дар фаъолияти таълимӣ – тарбиявӣ муайян карда, хулосаҳои асоснок ва тавсияҳои судмандр коркард намояд. Қайд кардан ҷоиз аст, ки аз тарафи муаллифи рисола Зиёвиддинзода З.З. оиди ҷамъбаст ва хулоса намудани донишҳои назариявӣ ва амалӣ марбут ба доираи муаммои ташаккул ва рушди таҳсилоти фосилавии муассисаҳои таҳсилоти касбии олӣ таҳқиқоти ҷиддии илмӣ гузаронида шудааст.

3. Боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола пешниҳод гардида, бо консепсияи илмии педагогӣ, усулҳои назарӣ ва эмперии таҳқиқот, инчунин таҳлили шароит ва натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, тасдиқи нуктаҳои дар фарзияи таҳқиқот пешниҳод гардида, истифодаи усулҳои таҳқиқоти илмии ба вазифаҳои марҳалаҳои асосии тадқиқот мутобиқ ва таҷрибаи амалии муаллиф таъмин гардидааст.

4. Фарҳанги мутаносиби унвонҷӯ имконият додааст, ки ӯ тибқи шиносномаи ихтисоси 13.00.08. – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ) дастгоҳи илмии диссертатсияро таҳия намояд, ки он мавқеи дурусти муаллифро нисбати коркарди консепсияи рисола, хусусиятҳои амалигардӣ ва асоснокии натиҷаҳоро инъикос менамояд.

5. Мазмуну муҳтавои автореферат бо фишурдаҳои он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ дар автореферат интишор гардидаанд, мувофиқати комил бо мундариҷаи диссертатсия дорад.

7. Диссертатсияи мазкур мутобиқ ба талаботи банди 53 -и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, иҷро шудааст. Дисссертатсия дар ҷаласаи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия гардидааст. Дар хулосаи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсия баҳои ҳамаҷонибаи объективӣ дода шуда, мусбат арзёбӣ гардидааст.

8. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 32-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

9. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияву пешниҳодҳои довталаб дар 10 номгӯй интишороти илмӣ ба табъ расидаанд, ки саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд. Мақолаҳои муаллиф, аниқтараш 7 адад мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд ва ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ комилан мувофиқ буда, моҳияти асосии таҳқиқотро инъикос мекунанд. Теъдоди маводи нашршуда ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

10. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Зиёвиддинзода З.З. истифодаи мавод бе нишон додани маъхаз мавҷуд набуда, тамоми манбаъҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровaрда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, шаҳодат медиҳад.

11. Рисола ба талаботи банди 31-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) мувофиқат мекунад. Диссертатсияи мазкур аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои умумият ва ягонагии дохилӣ мебошад. Навгонии илмӣ ва муқаррароти барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсиониро собит месозанд.

Комисссияи ташхисӣ талаботи банди 61-уми Низомномаи шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ба инобат гирифта, пешниҳод менамояд:

1). Диссертатсияи Зиёвиддинзода Зулолиддин Зиёвиддин дар мавзӯи "Асосҳои педагогии таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли фанҳои риёзӣ -табиӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси

13.00.08. – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ) ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-046-и назди МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" барои ҳимоя қабул карда шавад.

2). Ба ҳайси **муқарризони расмӣ** ба диссертатсияи мазкур шахсони зерин тавсия дода мешаванд:

1. **Баҳрулло Файзалӣ** - доктори илмҳои педагогӣ, и.в. профессори кафедраи технологияи иттилоотӣ ва амнияти иттилоотии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
2. **Туев Шоҳин Шоевич** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи математикаи олӣ ва информатикаи Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон

3). Ба ҳайси **муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон тавсия карда мешавад.**

4). Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани автореферат ва диссертатсия дар сомонаи МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров" ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5). Барои чопи автореферат ба ҳуқуқи дастнавис дар теъдоди 100 нусха иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ,**
доктори илмҳои педагогӣ, профессор — Шаропов Ш.А.
**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ, профессор — Хоҷаева М.Ҷ.
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент — Олов С.

*Имзои Ш.А.Шаропов, М.Ҷ. Хоҷаева ва С.Оловро тасдиқ менамоям.*

*Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси*
*МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров"* — *Наврузов Э.М.*